آوازتاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

# Овози тоҷик

13 августи соли 2025
Чоршанбе
№ 65 (15180)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## МАСЪАЛАҲОИ ГУСТАРИШИ МИНБАЪДАИ МУНОСИБАТҲОИ ШАРИКИИ СТРАТЕГӢ БАРРАСӢ ШУДАНД

***12 август суҳбати телефонии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Сарвазири Ҷумҳурии Ҳиндустон Нарендра Модӣ баргузор гардид.***

Дар оғози суҳбат Сарвари давлати мо Сарвазир ва мардуми дӯсти Ҳиндустонро бо фарорасии иди миллии ин кишвар — Рӯзи истиқлолият, самимона табрик намуда, барояшон сулҳ, саодат ва шукуфоиро орзу кард.

Масоили мубрами густариши минбаъдаи муносибатҳои шарикии стратегии Ӯзбекистону Ҳиндустон ва ҳамкориҳои бисёрсамта баррасӣ шуданд.

Бо қаноатмандии амиқ таъкид гардид, ки мувофиқи тавофуқоти бадастомада, ҳамкориҳои амалӣ босуръат рушд намуда, дар сатҳҳои гуногун равобити фаъол ва самарбахш идома доранд.

Муомилоти мол аз аввали сол 60 фоиз афзуда, тақрибан 40 корхона ва лоиҳаи нави муштарак ба кор даромаданд. Портфели кунунии лоиҳаҳои пешомаднок бо ширкатҳои пешқадами Ҳиндустон ба ду миллиард доллар расидааст. Дар Ӯзбекистон ҳамчунин чор филиали донишгоҳҳои ҳиндӣ бомуваффақият фаъолият доранд.

Роҳбарон ба пешбурд ва татбиқи лоиҳаҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои саноати дорусозӣ ва кимиё, иқтисоди рақамӣ, энергетика, соҳаи истихроҷ, кишоварзӣ, сохтмон, сайёҳӣ ва дигар бахшҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд.

Масоили рушди хатсайрҳои муассири нақлиётӣ ва транзитӣ дар чорчӯби долони «Шимол — Ҷануб» баррасӣ шуданд.

Зарурати баргузории самараноки ҷаласаи навбатии Комиссияи байниҳукуматӣ дар шаҳри Тошканд таъкид гардид. Пешниҳод шуд, ки Рӯзҳои фарҳанг ва кинои мутақобила баргузор гардида, мубодилаҳо дар сатҳи минтақаҳо фаъол гарданд.

Президенти Ӯзбекистон ва Сарвазири Ҳиндустон ҳамчунин оид ба масоили рӯзномаи минтақавӣ табодули афкор намуда, ҷадвали чорабиниҳои ояндаро дар сатҳи олӣ баррасӣ карданд.

**ЎзА.**

## БАРНОМАИ ИДОРАКУНИИ ЗАХИРАҲОИ ОБ ВА РУШДИ СОҲАИ ОБЁРӢ ҚАБУЛ ГАРДИД

***Президент Шавкат Мирзиёев бо тақдимоти пешниҳодҳо оид ба идоракунии захираҳои об ва рушди соҳаи обёрӣ шинос шуд.***

Дар шароити камбуди об дар минтақаи мо истифодаи оқилона ва сарфакоронаи он масъалаи ниҳоят муҳим мебошад. Дар Ӯзбекистон ба ин масъала таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир мегардад: шабакаҳои обёрӣ таъмир карда мешаванд, технологияҳои обсарфакунанда ҷорӣ мегарданд.

Аз ҷумла, дар солҳои 2020–2024 барои ин мақсадҳо 60 триллион сӯм аз буҷет ва 622 миллион доллар сармоягузории хориҷӣ равона шудааст. Агар соли 2020 масоҳате, ки дар он технологияҳои обсарфакунанда истифода мешуданд, ҳамагӣ 4 фоизи заминҳои обёришавандаро ташкил медод, соли 2025 ин нишондиҳанда ба 50 фоиз расид.

Дар идомаи ин саъю кӯшишҳо барномаи идоракунии захираҳои об ва рушди соҳаи обёрӣ барои солҳои 2025–2028 таҳия гардид.

Дар тақдимот масъулон оид ба тадбирҳои дар ҳуҷҷат пешбинишуда маълумот доданд.

Дар барнома таваҷҷуҳи асосӣ ба истифодаи самараноки захираҳои об равона шудааст. Ба нақша гирифта шудааст, ки 2 551 километр шабакаҳои обёрӣ бозсозӣ шаванд. Иваз намудани таҷҳизоти кӯҳнаи истгоҳҳои насосӣ бо таҷҳизоти каммасрафи энергия имкон медиҳад, ки истеъмоли солонаи барқи онҳо аз 6,8 то 6,2 миллиард киловатт-соат коҳиш ёбад.

Вазъи хок яке аз омилҳои муҳими масрафи об аст. Пешбинӣ шудааст, ки масоҳати заминҳои дорои таъминоти пасти об аз 424 ҳазор то 276 ҳазор гектар коҳиш ёбад, ҳамчунин ҳолати заминҳои дорои дараҷаи баланди шӯршавӣ ва сатҳи наздики обҳои зеризаминӣ беҳтар гардад. Ба туфайли ин, 460 ҳазор гектар замин дубора ба гардиши кишоварзӣ баргардонда мешавад.

Дар масоҳати 1,4 миллион гектар технологияҳои обсарфакунанда ҷорӣ мешаванд, ки аз он 293 ҳазор гектар — бо обёрии қатрагӣ фаро гирифта мешавад. Дар 20 иншооти бузург таҷҳизоти назорату ченкунии об модернизатсия карда мешавад.

Бо мақсади кам кардани омилҳои инсонӣ назорати замонавии 12 ҳазор чоҳи мелиоративӣ ва 1 ҳазору 750 насос бо ҳадафи ҳисобгирии об ҷорӣ карда мешавад. Дувоздаҳ иншооти бузурги гидротехникӣ бо истифодаи технологияҳои рақамӣ ба идоракунии худкор гузаронида мешаванд.

Дар натиҷаи барнома ҳиссаи каналҳои дорои рӯйпӯши бетонӣ аз 39 фоизи ҳозира то 47 фоиз меафзояд, сифати шабакаҳои обёрӣ беҳтар шуда, талафоти об кам мегардад. Интизор меравад, ки ба шарофати сарфакорӣ имсол 10 миллиард метри мукааб ва то соли 2028 то 14 миллиард метри мукааб об сарфа карда шавад.

Сарвари давлат ин таклифҳоро маъқул дониста, Барномаи идоракунии захираҳои об ва рушди соҳаи обёрӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои солҳои 2025–2028-ро қабул кард.

Дар ҷараёни тақдимоти лоиҳа ҳамчунин оид ба баланд бардоштани самаранокӣ ва рақамигардонии соҳа, густариши иштироки бахши хусусӣ маълумот пешниҳод шуд.

Айни ҳол раванди автоматиконии 18 755 гидропости вилоятҳо, ноҳияҳо ва хоҷагиҳо оғоз гардидааст, марҳилаи навбатӣ таҷҳизонидани нуқтаҳои тақсими об дар заминҳои кишоварзӣ мегардад.

Масъалаи рақамигардонии хоҷагии об махсус баррасӣ шуд. Дастур дода шуд, ки 11 барномаи соҳавӣ ба як платформаи ягона муттаҳид карда, маркази IT ва маркази ситуатсионӣ бо истифодаи васеи имкониятҳои «Ӯзбеккосмос» таъсис дода шаванд.

Вазифа гузошта шуд, ки 5 200 насоси обкаш бо ҳисобкунакҳои қувваи барқ ва об таъмин карда, насосҳои бузург ба манбаъҳои энергияи барқароршаванда гузаронда шаванд. Маълумоти бадастомада дар платформаи рақамӣ ҷамъ оварда, самаранокии иқтисодии истифодаи об таҳлил карда мешавад.

Дар айни ҳол 2 612 иншооти обӣ ба идораи бахши хусусӣ супорида шудааст, минбаъд низ насосҳои бузурги обкаш бо фароҳам овардани шароити ҷолиб барои сармоягузорон ба бахши хусусӣ пешниҳод мегарданд.

Соли гузашта дар заминаи шуъбаҳои ирригатсионии ноҳияҳо 159 муассисаи давлатии хидматрасонии обтаъминкунӣ таъсис ёфт. Барои беҳтар кардани фаъолияти онҳо пешбинӣ шудааст, ки ба онҳо ҳуқуқи мустақилона тақсим намудани маблағҳои худ дода шавад.

Бо дарназардошти он ки сифати хидматрасонӣ ва самаранокии соҳа аз бисёр ҷиҳат аз сатҳи дараҷаи тайёрии мутахассисон вобаста аст, нақшаи таъсиси маркази таълимӣ барои 200 ҷой бо мақсади такмили ихтисоси кормандон таҳия шудааст.

Президент дастур дод, ки заминаи меъёрии соҳа такмил дода, самаранокии истифодаи об баланд бардошта шавад ва дар ҷомеа маданияти муносибати сарфакорона ба об пурзӯр гардад.

**ЎзА.**

## ЛОИҲАҲОИ НАВИ ВИЛОЯТИ БУХОРО МУАРРИФӢ ШУДАНД

***Сарвари кишварамон оид ба натиҷабахшии ислоҳот ва татбиқи лоиҳаҳои нав дар вилояти Бухоро ҷамъомад баргузор намуд.***

Пештар иқтисодиёти вилоят бо як қатор соҳаҳои саноат маҳдуд мешуд. Дар давоми ҳашт соли охир ба минтақа беш аз 8 миллиард доллар сармоя ҷалб карда шуд, ки ин имкон дод сохтори иқтисодии худро ба таври назаррас диверсификатсия кунад. Танҳо дар саноат 6 ҳазор корхонаи нав кушода шуд, ҳаҷми маҳсулоти саноат бештар аз шаш баробар афзуд.

Тағйироти ҷиддӣ дар соҳаи сайёҳӣ низ ба амал омад: инфрасохтор беҳтар гардид, иншооти нав бунёд шуд, брендҳои маъруфи меҳмонхонаҳо ба минтақа ворид гардиданд. Ҷараёни солонаи сайёҳон ба 1,7 миллион нафар расид.

Мувофиқи қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 5 декабри соли 2024 чораҳои иловагӣ оид ба рушди саноат ва соҳаи хизматрасонӣ дар вилояти Бухоро муайян гардиданд. Дар натиҷа, дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ 7,3 фоиз афзуд, 198 корхонаи нави саноатӣ таъсис ёфт, ҳаҷми маҳсулоти минтақавии умумӣ 6,4 фоиз боло рафт.

Ситоди ислоҳоте, ки бо ташаббуси сарвари давлат дар Бухоро таъсис ёфтааст, барои рушди иқтисодӣ имкониятҳои иловагӣ ошкор мекунад. Дар тақдимот масъулон як қатор лоиҳаҳои нави сармоягузориро муаррифӣ карданд.

Аз ҷумла, соҳибкорони турк ба истихроҷ ва коркарди графит дар ноҳияи Пешку таваҷҷуҳ зоҳир намуданд, ширкати ветнамӣ ният дорад маҷмааи муосири истиқоматӣ созад ва ширкати ҳиндӣ маркази ҷарроҳиро бунёд намояд. Дар қитъаи замини 217 гектар татбиқи 260 лоиҳа бо таъсиси беш аз 10 ҳазор ҷойи корӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар маҷмӯъ, дар минтақа маҷмӯи 21 лоиҳаи нав ба маблағи 1,7 миллиард доллар ташаккул ёфтааст. Татбиқи онҳо имкон медиҳад 32 ҳазор ҷойи корӣ ташкил шуда, иқтидори содиротӣ ба 180 миллион доллар расад.

Президент имкониятҳои иловагиро барои рушди иқтисоди вилоят ва таъмин кардани шуғли аҳолӣ таъкид кард.

Аз ҷумла, дар ноҳияи Пешку дар заминҳои ба иҷора гирифтаи аҳолӣ гармхонаҳои арзон бунёд шудаанд, ки дар онҳо зироатҳои содиротӣ парвариш меёбанд. Вазифа гузошта шуд, ки ин таҷрибаро густариш дода, дар 5 ҳазор хонаводаи тамоми вилоят чунин гармхонаҳо таъсис дода шаванд.

Дар ноҳияҳои Шофиркон, Ғиждувон, Пешку ва Бухоро дар масоҳати 10 ҳазор гектар токзор бунёд мегардад ва дар ноҳияҳои Вобкент, Ғиждувон, Ҷондор, Рометан ва Қарокӯл — дар 5 ҳазор гектар боғҳои зардолу, гелос, анҷир ва дигар меваҳои дар хориҷ талаботдошта шинонда мешаванд.

Бухоро бо зиёратгоҳҳои бостонии худ машҳур аст, аммо дар минтақа маҷмааҳои бузурге, ки қодир аст, ба муддати тӯлонӣ сайёҳонро нигоҳ доранд, вуҷуд надоранд. Дар робита ба ин пешниҳод шуд, ки сармоягузорони хориҷӣ барои бунёди боғи тиҷоратӣ ва фароғатӣ ҷалб карда шаванд.

Самти дигари стратегӣ — саноат мебошад. Дар вилоят ду корхонаи бузурги нафту газ фаъолият доранд, боз яке дар марҳилаи сохтмон аст, инчунин 10 неругоҳи бузурги офтобӣ ва бодӣ фаъолона бунёд мешаванд. Таъкид гардид, ки дар атрофи ин иншоотҳо метавон шабакаи корхонаҳои хурдро рушд дод, ки ин имконияти афзоиш додани ҳаҷми сармоягузорӣ, истеҳсолоти саноатӣ ва содиротро фароҳам меорад.

Ҳокимони вилоят ва ноҳияҳо нақшаҳои зиёд намудани манбаъҳои даромад барои аҳолӣ, инчунин коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ ва бекориро пешниҳод намуданд.

**ЎзА.**



***“Сайри харбуза-2025” салоҳияти фарҳангиву сайёҳии Хоразмро боз як бор намоиш дод.***

*Дар давоми се рӯз шаҳри Хиваро бӯйи хушбӯйи харбуза фаро гирифт, ҳазорҳо меҳмонони маҳалливу хориҷӣ аз харбузаҳои навъҳои гуногун баҳраманд гардида, аз бозиву лапарҳои халқиву фолклорӣ хушнуд гардиданд. Дар чаҳорчӯби ҷашнвора 22 стенди тематикӣ фаъолият нишон дод, маҳсулот ва технологияи беҳтарини ин намуди маҳсулоти полизӣ тақдим карда шуд. Ғолибони озмун бо диплом ва тӯҳфаҳои махсус мукофотонида шуданд. Сайри харбузаи имсола на танҳо маззаи харбузаро, балки меҳмондӯстӣ ва арзишҳои миллии мардуми Хоразмро бори дигар тарғиб намуд.*

***Хидмати матбуоти ҳокимияти вилояти Хоразм.***

*Ба пешвози 34-солагии истиқлолияти давлатӣ*

## БАРОИ ҚАДРИ ИНСОН, БАРОИ БАХТИ ИНСОН

***Аз он даврае, ки ҷомеа ташаккул ёфтааст, инсон барои амалӣ гардондани орзую умедҳояш азм дорад. Дар ҳама давру замон рӯзгори бекамукост, ҳаёти осоиштаи фаровон мақсади олии одамон буду ҳаст. Таърихи фарматсияҳои ҷамъиятӣ онро собит месозанд. 31 августи соли 1991 дар таърихи мамлакати мо ҳамчун рӯзи истиқлоли миллӣ – асоси кулли дигаргуниҳо, пойдевори рӯиоббароии орзую умедҳои чандинасринаи халқамон сабт ёфт.***

Анъана, арзишҳои миллиамон эҳё гардида, ниятҳои деринаи онҳо ҷомаи амал пӯшид. Дар давоми даҳсолаҳои гузашта дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти мамлакат тағйироти назаррас, ислоҳоти судовар сурат гирифт.

Хусусан он ислоҳоти васеъмиқёси ҳаёти мамлакат, ки бо ташаббуси Президенти мамлакат Ш. Мирзиёев рӯйи об мебарояд, камбудию нуқсонҳои ҷойдоштаро аз байн мебарад. Одамонеро ба маҷрои дурусти кору зиндагӣ водор месозад.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

## ТАМҒАИ «MADE IN UZBEKISTAN»-РО БА БРЕНД ТАБДИЛ ДОДАН ВАЗИФАИ МУҲИМ

***Президенти мамлакат ба бренди миллӣ табдил додани тамғаи «Made in Uzbekistan»-ро дар бозорҳои хориҷӣ ҳамеша талқин менамояд, то ки он мавриди эътирофи васеъ қарор гирад. Ҳатто дар кишварамон барои корхонаҳое, ки зери чунин тамға маҳсулот истеҳсол мекунанд, як қатор имтиёзҳо фароҳам оварда шудааст. Гуфта мешавад, аз ҷумла, хароҷоти онҳо барои ҷорӣ кардани стандартҳои байналмилалӣ ҷуброн карда шуда, ашёи хоми онҳо аз пардохти боҷи гумрукӣ озод хоҳад шуд. Ба таъкиди Савари давлат вақти он расидааст, ки бо тамғаи «Made in Uzbekistan» корхонаҳо маҳсулот истеҳсол кунанд ва дар бозорҳои хориҷӣ ба тарғиби он роҳи васеъ кушоянд.***

Дарвоқеъ, брендҳои машҳур маҳсулот истеҳсол намекунанд, балки аз роҳи муқаррар намудани талаботи мушаххас истеҳсолкунандагонро водор месозанд, ки ба ин талаби онҳо сар фароранд. Барои ҳамин ҳоло зарурат пеш омадааст, ки барои бренди миллӣ шароити мусоид фароҳам оварда шавад, то ки маҳсулот дар бозорҳои хориҷӣ ҳамчун бренди миллӣ эътироф гардад.

Ҳар як бренд ё тамға бояд рақобатпазир бошад ва маҳсулоте, ки зери ин тамға истеҳсол гардидааст – чи дар бозорҳои маҳаллӣ ва чи дар бозорҳои хориҷӣ ба фурӯш равад. Дар ин бобат дар вилояти Фарғона 9 бренди хориҷӣ ҷалб карда шудааст ва талош ба харҷ дода мешавад, ки ҳамкориҳо бо ин брендҳои хориҷӣ натиҷаҳои назаррасро соҳиб шаванд. Хусусан, ҳамкорӣ бо брендҳои хориҷии Knauf, Posco, Sungwoo, Indorama ва BNBM (Beijing New Building Materials Public LC) дар лоиҳаҳои соҳаи мошинсозӣ, сохтумон, бофандагӣ, истеҳсоли нуриҳои минералӣ аз ҳамин зумра маҳсуб меёбанд. Ба таври мисол, дар корхонаи хусусии Ҷамъияти саҳҳомии «Indorama Kokand textile» таҳти тамғаи «Indorama» маҳсулоти бофандагӣ ва нуриҳои минералӣ истеҳсол карда мешаванд. То кунун ин корхона ба ивази 2 трилиону 250 миллиард сӯмина маҳсулот истеҳсол намудааст. Аз ин шумор баробари 130 миллион доллар маҳсулоти он содир гардидааст.

Дар айни замон аз рӯи ҷалб намудани брендҳои маҳсулоти бофандагӣ, чарму сохтмон бо Фаронса, Олмон, Сингапур, Чин ва Ҷопон гуфтушунидҳо ба роҳ монда шудаанд. Интизор меравад, ки гуфтушунидҳо дар соҳаи ҳамкорӣ бо Фаронса барои таҳти тамғаи «Andritz» ва «Kiabi» истеҳсол намудани маҳсулоти бофандагӣ натиҷаҳои мусбати худро хоҳанд дод.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

*Барои Ватан, барои миллат, барои халқ!*

## ТАЙЁРӢ БА ДУ МАЪРАКАИ БУЗУРГ

***Алҳол дар тамоми гӯшаву канори вилояти Самарқанд таҳти шиори мазкур ба ҷашни 34-умин солгарди истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон тайёрии пухта мебинанд. Дар кӯчаву хиёбон, гузару маҳаллаҳо корҳои бунёдкориву ободонӣ авҷ гирифтаанд. Пиру барно, деҳқону боғбон, тадбиркору тоҷирон дар ин бобат саҳми арзанда мегузоранд.***

– Дар соҳаи таълим ба шарофати ислоҳот пешрафтҳои азим амалӣ мешаванд, аз ҷумла афзоиши фарогирӣ дар низоми таълими томактабӣ 40 фоиз, дохилшавӣ ба мактабҳои олӣ 30,4 фоиз афзуд, – мегӯяд мудири шуъбаи таълими томактабӣ ва мактабҳои ноҳияи Самарқанд Шерзод Абулхайров. – Ҳоло дар қаламрави ноҳияи мо 55 мактаби миёнаи таҳсилоти ҳамагонӣ, қариб сад ташкилоти томактабӣ ва хусусӣ арзи вуҷуд доранд. Мактабҳо ба соли хониши нав пурра ҷиҳозонида ва аз таъмиру тармими хушсифат баромаданд.

Иҷрокунандаи вазифаи ҳокими вилояти Самарқанд Адиз Бобоев дар суҳбат ба хабарнигорон иброз дошт, ки дар охири моҳи октябр ва оғози моҳи ноябри соли равон дар Самарқанд иҷлосияи 43-юмини ЮНЕСКО дар маҷмӯи сайёҳии Роҳи абрешими «Silk Road Samarkand» гузаронида мешавад. Бори нахуст дар тӯли 40 сол ин анҷумани бошукӯҳи байналхалқӣ аз шаҳри Париж ба Самарқанд мекӯчад. Дар он рӯзҳои таърихӣ мо беш аз 5 ҳазор меҳмони хориҷӣ, аз он ҷумла 400 ходими масъули ЮНЕСКО, чандин нафар сарони давлатҳо, журналистони номдорро истиқбол мегирем. Ин шаҳодати он аст, ки Ӯзбекистони Нав дар олам нуфузу эътибори хоса пайдо кардааст.

Дар омади гап бояд таъкид намуд, ки Президенти муҳтарами мо Шавкат Мирзиёев 12-уми марти соли равон ҳангоми сафараш ба Фаронса бо сардиректори ЮНЕСКО Одрӣ Азуле вохӯрда, бобати дар Самарқанд баргузор гардидани иҷлосияи мазкур ба созишнома имзо гузошт.

Умед дорем, ки иди аз ҳама бузургу аз ҳама азиз – 34-умин солгарди истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва иҷлосияи 43-юмини ЮНЕСКО дар сатҳи баланд хоҳад гузашт.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.**

# «ДАФТАРИ ЗАНОН» — АСОСИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАВИ ИҶТИМОӢ

***Дар шаҳри Нукус таҳти мавзӯи «Панҷ соли ҷамъбаст: Аз истиқлоли иқтисодӣ то фаъолиятҳои иҷтимоӣ» анҷумани миллӣ баргузор шуд.***



Чорабинӣ аз ҷониби Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, Кумитаи оила ва занон, ҳамчунин Шӯрои Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ӯзбекистон дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ташкил карда шуд. Иштирокчиён нахуст бо намоишгоҳи маҳсулоти аз ҷониби занони соҳибкор истеҳсолшуда шинос шуданд.

Дар анҷуман таъкид гардид, ки бо ташаббуси роҳбари давлатамон дар кишвар таҷрибаи миллии ҳифз ва тавсеаи ҳуқуқу манфиатҳои занон ва таъмини фаровонии оилаҳо — модели Ӯзбекистон ба вуҷуд оварда шуд.

Дар давоми 7 соли охир барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии ҳамаи занон тақрибан 100 ҳуҷҷати меъёриву ҳуқуқӣ қабул гардид. Барномаи миллии дастгирии ҳамаҷонибаи занон ба амал татбиқ шуд.

Дар доираи Барномаи давлатӣ, ки бо такя ба Стратегияи «Ӯзбекистон — 2030» таҳия шудааст, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои занон ва дастгирии ҳамаҷонибаи онҳо ҳамчун самти муҳими афзалиятнок муайян гардидааст. Аз ҷумла, яке аз механизмҳои нодир, ки бо ташаббуси Президенти мамлакат оид ба масоили занон ҷорӣ шуд, «Дафтари занон» мебошад, ки дар ҳеч кишвари дигар ба мушоҳида намерасад. Ин низом имкон медиҳад, ки мушкилоти занони кишвар, ки солҳо онҳоро нигарон мекард, ҳал карда шавад. Дар натиҷа сатҳи зиндагии хоҳару модарони мо, ки дар ҷомеа нақши муҳим доранд, боло рафта, барои ҳаёти хушбахтона ва ризоияти онҳо замина фароҳам оварда мешавад.

Тавре роҳбари давлат таъкид кард: «Ҳам зиндагии фаровони имрӯз ва ҳам ояндаи дурахшони мо ба занон вобаста аст. Агар хоҳем, ки мардум аз мо розӣ бошанд, пеш аз ҳама бояд барои модарони муҳтараму хоҳарон шароити арзандаи зиндагӣ муҳайё созем. Агар модар розӣ бошад, оила розӣ мешавад, ва агар оила розӣ бошад, ҷомеа низ розӣ мегардад».

Ба ин хотир, фаъолияти Комиссияи дастгирии иҷтимоию иқтисодии занон ба роҳ монда шуда, оилаҳои имконияташон маҳдуд ва ниёзманд ба ҳимояи иҷтимоӣ дар асоси барномаҳои инфиродӣ дар 17 шаҳр ва ноҳия аз ҷониби буҷети давлат дастгирӣ карда мешаванд.

«Дафтари занон» — ин пойгоҳи маълумотӣ оид ба муайянсозӣ, бартараф ва назорат кардани мушкилоти занони бекор мебошад, ки ба дастгирии иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, равонӣ, омӯзиши дониш ва касбу ҳунар ниёз ва хоҳиш доранд.

Имрӯз арҷгузории инсон, махсусан таъмин намудани розигии занон аз зиндагӣ ва ҳалли мушкилоти онҳо ба таври мақсаднок, самаранок ва саривақт, тавассути таҷрибаи нодир — низоми «Дафтари занон» аҳамияти муҳим пайдо кардааст. Дар ин самт, мувофиқи як қатор фармон ва қарорҳои қабулгардида, низоми кор бо «Дафтари занон» пайваста такмил дода шуд.

Дар давоми 5 марҳила дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон ба «Дафтари занон» 193 ҳазору 126 нафар зан ворид гардида, барои дастгирии иҷтимоию иқтисодӣ ва моддии онҳо ҳамагӣ 291 миллиарду 775 миллион сӯм маблағ ҷудо карда шуд.

Бар асоси натиҷаҳои хатчӯб, мувофиқи қарори коллегиалии «ҳафтгонаи маҳалла», дар марҳилаи 6-уми «Дафтари занон» ҳамагӣ 58 ҳазору 13 нафар занони ниёзманд ворид гардида, то ҷамъбасти 6 моҳи соли ҷорӣ ба 35 ҳазору 899 нафари онҳо (61,9 фоиз) кумаки амалии воқеӣ расонида шуд. Ба ҳамаи занони ба дафтар дохилшуда як қатор кумакҳои иловагӣ низ пешниҳод гардид.

Низоми «Дафтари занон» сол то сол такмил ёфта, то имрӯз пойгоҳи маълумоти заноне, ки тавассути платформаи xotin-qizlar.uz ба дафтар ворид шудаанд, пурра рақамисозӣ гардид.

Дар самти таҳияи барномаҳои муфид, аз ҷониби кумита дар қисмати ҳар як минтақа платформаи электронии «ayollar-bandligi.uz» таъсис дода шуд, ки дорои пойгоҳи маълумотӣ барои расонидани ёрии ҳуқуқӣ оид ба баланд бардоштани малакаҳои соҳибкорӣ, омӯзиши касбу ҳунар, гузаронидани пурсишҳо ва муайян кардани мониторинги ҳаррӯзаи ҳолати занон мебошад. Ба туфайли рақамисозии пурраи низом, имконияти назорат ва баҳогузорӣ ба маълумотҳои воридшуда ва гирифтани ҳисоботҳои кушодаю шаффоф фароҳам оварда мешавад.

Тавассути ин низом ҳазорҳо модарони танҳо ҳимояи манфиатҳои худро омӯхтанд ва имкони бозгашт ба бозори меҳнатро пайдо карданд.

«Дафтари занон» — ин низомест, ки занро хона ба хона ҷустуҷӯ карда, дастгирӣ намуда, ба ҳаёт роҳнамоӣ мекунад. Муҳимаш он аст, ки ин низом на танҳо мунтазам идома ёфт, балки ба асоси нави қонунгузории иҷтимоӣ табдил ёфт.



Дар анҷоми чорабинӣ як гурӯҳ занони фаъоли ҷамъият аз ҷониби ташкилкунандагон муносиб қадрдонӣ шуданд.

Дар анҷуман муовини Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон — раиси Кумитаи оила ва занон Зулайхо Маҳкамова иштирок ва суханронӣ намуд.

**Довуд АБИБУЛЛАЕВ,**
**мухбири ЎзА.**
**Суратгир:**
**М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).**

# БАРОИ ҚАДРИ ИНСОН, БАРОИ БАХТИ ИНСОН

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Ибораҳои «қадри инсон», «бахти инсон»-ро бисёр мешунавем ё мехонем. Вақте ки ин масъала ҳоло дар сиёсати давлати мо мавқеи аввалиндараҷа дорад, табиист, ки вай ба дилу дидаҳо наздик бошад.

Ҳамин истиқлол кафолатҳои сиёсиву ҳуқуқиро дар худ таҷассум намуда, чун такягоҳи мустаҳками татбиқи стратегияи «Ӯзбекистон – 2030», муҳити сулҳу салоҳ ва дӯстӣ, таъмини манфиатҳои инсон, алоқаҳои некҳамсоягӣ дар минтақа, ҳамкориҳо бо кишварҳои ҷаҳон ва болоравии обрӯю эътибори Ватан дар миқёси байналхалқӣ хидмат мекунад. Гуфтан ҷоиз аст, ки Ӯзбекистони соҳибистиқлол дар ҳашт соли охир ба роҳи ислоҳоту таҷдидёбиҳо, эътирофи ҳақиқату воқеият, нақшаҳои азими созандагӣ ба бунёди Ӯзбекистони Нав оғоз кард. Дар муддати кӯтоҳи таърихӣ бинобар натиҷаи рушди босуръати иқтисодиёти мамлакат ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба зиёда аз 110 миллиард доллари ИМА мувофиқ омад. Дар мамлакат бинобар татбиқи барнома ва лоиҳаҳои бузург аз қабили гузаштан ба иқтисодиёти сабз ва инноватсионӣ, таъини манбаъҳои муқобили энергия имкониятҳои нав фароҳам меоянд.

Мувофиқи сарқонуни нав Ӯзбекистон давлати иҷтимоӣ маҳсуб шуда, дар он шаъну шараф, ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон воло буда, он татбиқсозии барномаҳои давлатиро нисбати таъмин намудани шуғли аҳолӣ, афзоиш додани миқдори ҷиҳати корӣ, коҳиш додани нодорӣ, дастгирӣ намудани табақаи шаҳрвандони ба кӯмак мӯҳтоҷ, таъмин намудани натиҷаҳои назарраси сифатиро тақозо мекунад. Бояд таъкид намуд, ки дар мамлакати мо мақсади асосии ислоҳот маҳдудсозии камбизоатӣ ва афзун гардидани фаровонии аҳолии мамлакат аст. Бо ин мақсад бо оилаҳо, ҷавонон, бонувони эҳтиёҷманд низоми нави корбарӣ: «Дафтари оҳанин», «Дафтари бонувон», «Дафтари ҷавонон» ҷорӣ гардид.

Дар натиҷа, бо онҳо корҳои бонизом сурат мегирад.

Аз ҷумла, дар вилояти Бухоро аввали соли гузашта 54,4 ҳазор оилаи камбағал ва 239,5 ҳазор нафар аъзои онҳо мавҷуд бошанд, ин бо 11,8 фоизи шумораи умумии аҳолии вилоят баробар аст.

Дар ҳолати ҳашт моҳи сипаришудаи соли гузашта 32,3 ҳазор оила аз сафи камбизоатон баровwarда шуданд. Ба 11,1 ҳазор нафар шаҳрвандон кредитҳои имтиёзнок, ба 1,3 ҳазор нафар субсид дода шуд, 15,8 ҳазор нафар соҳиби кори доимӣ гашта, 3,9 ҳазор нафар бо роҳи ҷалбшавӣ бо таълими касбу ҳунар ва соҳибкорӣ бо шуғл фаро гирифта шуданд.

Солҳои охир ислоҳоти соҳаи таълим боиси тағйироти таърихии мислаш диданашуда гардида, низоми фарогирии таълими томактабӣ аз 27 фоизи соли 2017 ҳоло ба 77 фоиз расидааст.

Сармоягузорӣ ба таълим ин сармоягузорӣ ба оянда, некӯаҳволии мардум ва таъминкунии рақобатпазирии давлат аст. Фармони Президенти мамлакат «Дар бораи чорабиниҳои иловагӣ барои баланд бардоштани самаранокии низоми идоракунии таълими томактабӣ ва мактабӣ» аз идомаи ислоҳоти соҳаи таълим гувоҳӣ медиҳад. Бинобар ин фармон аз 1 сентябри соли 2025 музди меҳнати роҳбарон ва ҷонишинони онҳо дар мактабу кӯдакистонҳо 20-15 фоиз меафзояд.

Ҳамин тариқ, эътибори бузург ба соҳаҳои нигоҳдории тандурустӣ, илм, IT, фарҳанг, адабиёт ва санъат, варзиш самараи худро медиҳанд. Дар Олимпиадаи Париж ва паралимпиада аз қатори даҳ дастаи пурзӯртарин ҷо гирифтани варзишгарони мо, бори аввал дар таърихи Ӯзбекистон ба чемпионати ҷаҳон роҳхат гирифтани дастаи яккачин оид ба футбол инро собит месозад.

Маълум аст, ки 60 фоизи аҳолии мамлакатро ҷавонон ташкил мекунанд. Онҳо офарандагони «Ӯзбекистони Нав» мебошанд. Барои зоҳир намудани иқтидор, истеъдод, омӯхтани дониш ва касбҳои замонавӣ, забонҳои хориҷӣ, технологияи IT, татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ барояшон имкониятҳои мусоид фароҳам оварда шудааст.

Беҳуда нест, ки ҷавонони Ӯзбекистон соли гузашта оиди дохилшавӣ ба таълимгоҳи олии беҳтарини 500 дар Осиёи Марказӣ сазовори ҷойи аввал гардиданд. Онҳо бори аввал ба мактабҳои олии беҳтарини 5 дилпурона роҳ ёфта, ба натиҷаи таърихӣ соҳиб шуданд. Ҳоло 30 нафар ҷавонони мо дар таълимгоҳҳои олии беҳтарини-10, 500 нафарашон дар донишгоҳҳои бонуфузи беҳтарини 100, 1500 нафар дар донишгоҳҳои шомили беҳтарини 300 таҳсил мегиранд.

– Эҳёи якум ва дуюмро аллома ва мутафаккирони бузургамон офарида бошанд, имрӯз таърих навбатро ба шумоён додааст, – гуфт сарвари давлат ҳангоми мулоқот бо ҷавонон 30 июни соли ҷорӣ.

– Боварии комил дорам, шумо дар ҳамаи соҳаҳо ба баланд бардоштани байрақи мамлакат қодир ҳастед. Шумо чун бунёдкорони Ӯзбекистони Нав ва офарандаи таърихи нав насли тиллоиед! – илова намуд вай.

Ҳашт соли охир миқдори муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат аз 72 ба 201 адад расид. Дар натиҷа фарогирии ҷавонон бо таълими олӣ аз 8,3 фоиз ба 47,7 фоиз афзуд.

Имрӯз, ки дунё мураккаб ва ноором аст, сулҳу осоиштагӣ чун неъмати олӣ ва сарвати бебаҳои инсоният амиқтар эҳсос мегардад. Қадри инсон ва адолат бошад арзиши олист. Диёре, ки ҷавононаш соҳибилм, дорои фазилатҳои олии инсонианд, он ҷо оромию осоиштагӣ ва пешравӣ ҳамеша пойдор мемонад.

Боиси хурсандист, ки муомилаи солонаи 261 корхонае, ки соҳибкорони ҷавонамон созмон додаанд, ҳоло аз 100 миллиард сӯм афзуд.

Соли ҷорӣ ба андозаи 35 миллиард доллари ИМА 8300 лоиҳа амалӣ гашта, 292 ҳазор ҷойи нави корӣ фароҳам оварда мешавад. Инчунин ба андозаи 83 миллиард доллар амалӣ гардондани лоиҳаҳо барои ҳосил кардани 500 ҳазор ҷойи нави корӣ сурат мегирад. Аз ҷумла, ҳазорҳо корхонаҳо аз қабили энергетика (20 миллиард доллар), нафту газ ва кимиё (11 миллиард доллар), кони кӯҳ (7 миллиард доллар), электротехника ва автомобилсозӣ (4,5 миллиард доллар) ба кор медароянд.

Дар мамлакат мактаби «гарвардчиён» ҳамчунин таълимгоҳи байналхалқии ба номи Берунӣ ба фаъолият оғоз кард. Аз байни хатмкунандагони синфи 8 60 нафар талабагон интихоб гардида, дар се равия хононда мешаванд. Ҳамин тариқа ҳар сол 3 ҳазор нафар талабагони пуриқтидор барои таҳсил дар таълимгоҳҳои олии бонуфузи олам аз қабили Гарвард, Йел, Колумбия, Корнел тайёр карда мешаванд. Байни онҳо 300 нафар фарзандони оилаҳои муҳтоҷи дастгирӣ низ мехонанд.

Ба қарибӣ бунёди «Элюрт умиди» такмил ёфт. Онҳое, ки донишҷӯйи таълимгоҳҳои олии беҳтарини 300 шудаанд, метавонанд аз бонкҳо то 20 ҳазор доллар кредити имтиёзнок гиранд.

Дар мамлакатамон коркарди модели миллӣ интеллекти сунъӣ оғоз ёфтааст. Вай арзишҳо ва маданияти моро бояд дар худ ифода кунад.

Дар мамлакат бо суръати баланд ба амал омадани ҷараёни бунёдкориҳо, ободшавии шаҳру ноҳияҳо, бунёди мавзеъҳои «Ӯзбекистони Нав», корҳои азими дар доираи «Деҳаи обод», «Маҳаллаи обод», сохтмони шаҳрҳои нав дар пояи модели смарт, инкишофёбии шабакаҳои инфрасохтори иҷтимоӣ, таъмини муҳити сулҳу салоҳ, дӯстӣ, ҳифзи он чун сарвати бебаҳо, таҳкими некҳамсоягӣ, ҳамкорӣ бо мамлакатҳои Осиёи Марказӣ, тарбияи ватандӯстии ҷавонон, ягонагии артишу халқ ва ғайра барои қадри инсон ва бахти инсон хидмат мекунанд.

Ин аст мақсад ва мароми Ӯзбекистони Нав чун давлати рӯшод, демократӣ ва дунявӣ.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

# ТАМҒАИ «MADE IN UZBEKISTAN»-РО БА БРЕНД ТАБДИЛ ДОДАН ВАЗИФАИ МУҲИМ

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Дар баробари ин, аз рӯйи ҷалби брендҳои хориҷӣ дар соҳаи автомобилсозӣ, бофандагӣ, шоҳибофӣ, кимиё ва азнавкоркарди мева ба истеҳсоли автобус, нуриҳои минералӣ, маҳсулоти тайёри трикотаж ва амсоли он расидагӣ хоҳад шуд. Дар назар аст, ки бархе аз ин маҳсулот ба кишварҳои хориҷӣ содир мешаванд.

Қобили зикр аст, ки дар вилоят як қатор корхонаҳо, мисли корхонаи хусусии «Yaproq»-и Қӯқанд, хоҷагии фермерии «Volida»-и ноҳияи Фарғона, корхонаи оилавии «Sadaf Sut»-и ноҳияи Учкӯприк, Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «NARIMTEKS»-и Марғелон, Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Albus Gold»-и ноҳияи Ӯзбекистон ба тамғаҳои хусусии худ ноил шудаанд.

Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «BNBM Building Materials Central Asia»-и Чин таҳти шиори беҳтар намудани зиндагонии истеъмолкунандагон бо маҳсулоти хушсифат фаъолияташро ба роҳ мондааст. Воридшавии он ба вилояти Фарғона ба соли 2019 рост меояд.

Аз рӯйи маълумоти дафтари матбуоти ҳокимияти вилоят аз ҳисоби сармоягузории 30 миллион долларии сармояи мустақими хориҷӣ бо татбиқи лоиҳа 150 ҷойи нави корӣ таъсис дода шудааст. Ин корхонаи хориҷӣ дар ноҳияи Фурқати вилоят ба қайд гирифта шуда, ҳамасола 30 миллион метри мураббаъ гипсокартон, 4 миллион метри мураббаъ профили ороишӣ, 100 ҳазор тонна гаҷ истеҳсол мекунад. Ҳамвора ба маблағи 375 миллиард сӯмина корҳои бинокориро ба ҷо овардааст.

Ин ҷо месазад, ки дар бораи як корхонаи дигар таваққуфи бештар сурат гирад. Он корхонаи хусусии «Меҳригиёҳ» мебошад, ки фаъолияташро дар ноҳияи Учкӯприк ба роҳ мондааст. Ин корхона соли 1992 таъсис ёфтааст ва майдони он 29,3 гектарро ташкил мекунад. Беш аз 150 нафарро ба кор фаро гирифтааст. Гуфта мешавад, ки 130 хел маҳсулот истеҳсол менамояд ва доираи фаъолияташро парвариш, коркард ва бастабандии растаниҳои шифобахш, инчунин коркарди содирот (аз роҳи кластер) ташкил мекунад.

Вазифаи асосии корхонаи хусусии «Меҳригиёҳ» беҳтар намудани саломатии одамон, баланд бардоштани иммунитети онҳо, пешгирӣ намудани касалиҳои гуногун аз ҳисоби истеҳсоли гиёҳҳои шифобахш ва маҳсулоти озуқаворӣи аз неъматҳои шифобахш бойшуда маҳсуб мешаванд.

Самти асосии корхона парвариши растаниҳои шифобахш ва истеҳсоли маҳсулоти доруворӣ мебошад. Бо мақсади таъмин намудани маҳсулоти босифат ва баланд бардоштани ҳосилнокии маҳсулот растаниҳо ба таври органикӣ, бе истифодаи нуриҳои кимиёвӣ ва пестисидҳо дар ҳолати табиӣ дар майдонҳои марбути корхона парвариш меёбанд. Истифода аз технологияҳои муосир самти асосии он маҳсуб ёфта, мувофиқи талаботи стандартҳои ҷаҳонӣ бастабандӣ карда мешаванд.

– Ба ҳайати корхонаи «Меҳригиёҳ» табибони баландихтисос, фитотерапевтҳо, гиёҳшиносони шарқ, фермерҳо ва технологҳо дохил шудаанд. Онҳо аз соли 1992 инҷониб комёбиҳои саноати фармасевтии ҳозиразамон ва таҷрибаи тибби қадимро бомуваффақият ба ҳам мепайванданд. Дар қитъаҳои шахсии водии Фарғона растаниҳои шифобахш, аз қабили балзам, чой, равған, асал, ҳалво ва дигар маҳсулоти фоиданок павариш ва истеҳсол мекунанд. Қобил ба гуфтанист, ки дар корхонаи «Меҳригиёҳ» дорусозон, духтурон, академикҳо, боғбонҳо кор мекунанд, ки комёбиҳои фармасевтии муосирро бо тибби қадими шарқ пайвастаанд, – иброз медорад муовини ҳокими вилоят Нуриддин Мамаҷонов.

Маҳсулоти шифобахши барои саломатӣ самаранок истеҳсолшаванда аз ҷониби истеъмолкунандагони ватанӣ ва хориҷӣ эътироф гардидааст. Дар робита бо корхонаи хусусии ҶММ «Posco International Textile» мешавад гуфт, ки барои боло рафтани иқтисодиёти вилоят ва таъмин бо ҷойҳои нави кор саҳми хосро ишғол менамояд. Он моҳи апрели соли 1996 аз ҷониби корпоратсияи «Daewoo International»-и Куриёи Ҷанубӣ бо сармояи 150 миллион доллари ИМА таъсис дода шудааст. Корхонаи «ДЭУ текстил» узви иттиҳодияи «Ӯзтӯқимачиликсаноат» мебошад, ки зиёда аз 300 корхонаи истеҳсоли пахта, трикотаж, маснуоти абрешимӣ ва ғайраро бо стандартҳои байналмилалии сифат муттаҳид мекунад.

Корхонаи муштараки ҶММ «Индорама Коканд Текстил» аз корхонаҳои дигаре мебошад, ки ба бренди хос соҳиб шудааст ва моҳи майи соли 2010 дар шаҳри Қӯқанд таъсис ёфтааст. Дар ҷараёни татбиқи лоиҳа аз ҳисоби ҷалби 80 миллион доллар сармояи мустақими хориҷӣ дар 4 марҳила 1 ҳазору 95 ҷойи нави корӣ таъсис додааст. Имрӯз корхона маҳсулоти худро ба кишварҳои Амрикои Лотинӣ, Аврупо, Бангладеш ва Туркия содир мекунад.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

***Имрӯзҳо дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Фарғона таҳти шиори «Маърифат бар зидди ҷаҳолат» чорабиниҳои таблиғотӣ гузаронида мешаванд. Ин иқдом бо ташаббуси ҳокимияти вилоят ва дар ҳамкорӣ бо садорати вилоятии Кумита оид ба корҳои динии ҷумҳурӣ роҳандозӣ мегарданд. Намунаи беҳтарини ин чорабиниҳо дар Донишгоҳи давлатии техникии Фарғона ва Кохи театру консерти вилоят ба вуқӯъ пайваст.***

# ЧОРАБИНИҲОИ ТАБЛИҒОТӢ ДОМАН ФАРОХ МЕНАМОЯНД

Дар чорабинӣ вакилони соҳаи таълими халқ, фарҳанг, бонк, муаллимони муассисаҳои таълими касбу ҳунар ва устодони донишгоҳҳо ширкат варзиданд. Зимни баргузории вохӯриҳо доир ба зарурати беҳбуд бахшидан ба муҳити иҷтимоию маънавӣ ва эҷодӣ дар байни аҳолӣ, бахусус ҷавонон, фикру андешаҳо баён карда шуданд, ки бар зидди радикализм, таассуби динӣ, ғояву таҳдидҳои гуногуни бегона равона шудаанд.

Чунин чорабиниҳои маърифатӣ дар саросари вилоят идома доранд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# ДАР СӮХ ЗАЪФАРОН ЭКСПОРТ КАРДА МЕШАВАД

*Аз ҷониби кооперативи «Сӯх шафран», ки дар ноҳияи Сӯх фаъолият мебарад, парвариши заъфарон, чидану саракунии гул ва ба экспорт тайёр кардани он ба роҳ монда шудааст. Агар соли гузашта аз панҷ гектар майдон беш аз 20 килограм ҳосил гирифта бошанд, дар соли ҷорӣ 50-60 килограм ҷамъ овардани ашёи хоми қиматбаҳо пешбинӣ шудааст. Маҳсулоти тайёр ба бозорҳои дохиливу берунӣ баровarда мешавад. Рӯзҳои наздик «Сӯх шафран» таҳти тамғаи худ ба давлатҳои Қувайт ва Эрон содир намудани заъфаронро оғоз менамояд.*

***Хидмати матбуоти ҳокимияти вилояти Фарғона.***



*Муосирони мо*

***Инсонҳои меҳнатӣ. Рости гап ин ибораро хеле меписандам ва меҳнати пурсамарашонро қадр менамоям. Миёни мову шумо ҳастанд нафароне, ки табассути меҳнати ҳалолу покиза ва таҳтидилиашон ифтихору сазовори эҳтироми мардум гаштаанд.***

# ЧАКИДАЕ АЗ РӮЗГОРИ ЯК ИНСОНИ МЕҲНАТӢ

Дар зер мехоҳем дар бораи нафаре ҳикоят намоем, ки воқеан меҳнати сангин дораду нони ҳалол меёбад ва имрӯзҳо бо хислати шоёнаш писанди ҳамагон гардидааст.

Моҳи июли соли равон. Рӯзҳои хеле тафсони чиллаи тобистон. Роҳи ман ҳар субҳу шом аз назди дӯконе мегузарад, ки он ҷо самбӯсахонаи серодам, даромаду баромади нафарони зиёд ба чашм мерасад. Гармии ҳаво 40-45 дараҷа. Баногоҳ чашмам ба марди миёнақади синну солаш аз шаст боло меафтад, ки дар тан куртаи гулобиранг дораду сар то пояш зери обу арақ монда. Аммо табассум аз лабонаш канда намешавад. Аз назди самбӯсахонааш мегузараму зери лаб пичиррос мезанам: «Аҳсант ба чунин мардони меҳнатӣ, ки дар ин ҳавои гарму нафасгарданда дар назди танӯр рост истода ба самбӯсапазӣ машғул мешаванд.

Як тасаввур намоед-а? Агар ҳаво ин қадар гарм бошад, бо изофаи ҳарорати танӯри тафсон он ба чанд дараҷа мерасида бошад?! Шуморо намедонаму аллакай худ қазоват намудам, ки хеле меҳнати пурмашаққату гарон ба ҳисоб меравад. Болои ин ба мизоҷон бо мулоимиву меҳрубонӣ муносибат карданро намегӯед. Барои ҳамаи ин сабру тоқати беандоза зарур аст.

Рустамака Муродов наздик 45 сол аст, ки бо касби самбӯсапазӣ машғул аст. Аз субҳи содиқ ба кӯча мебарояду сӯйи корхонааш мешитобад. Охир хеле барвақттар бояд сари танӯр ҳозир шуд, зеро ақрабаки соат ба 6 наздик расида-нарасида аллакай мизоҷон барои истеъмоли самбӯсаҳои гарму болаззат сар мехалонанд. Бояд самбӯсаҳои хушмаззаву гармро пешкаши онҳо намуд. Агар рафту дер монад, албатта мизоҷон нороҳат мегарданд. Бар замми ин арзи ин солҳо вай одат намудааст, ки субҳи барвақт аз хоб хезаду сӯйи коргоҳ шитобад...

Бо Рустамака ҳамсуҳбат мешавем. Дар нахуст рангу рӯяш чун албон сурх мегардаду бо нимтабассуме: «Шарт нест, кори маро ба осмонҳо бардоред» мегӯяд бо хоксорӣ. Вале мо ба ҷону ҳолаш намонда, аз ӯ оиди кору фаъолияташ пурсон мешавем. Вай бо як одоби барои худаш хос ва мулоимӣ чунин посух медиҳад:

– Аз хурдсолиам ба касби нонпазиву самбӯсапазӣ шавқу завқи баланд доштам. Барои шогирдӣ саравал ба назди Муродака ном устодам ба ноҳияи ҳамсоя – Узун раҳсипор гардидам. Тайи чанд сол дар назди ин одами ҳамадону устоди сахтгир шогирд будам. Аз ӯ сирру асрори ин касбро омӯхтам. Аз он сабаб дандоншикан мегӯям, ки рости гап меҳнати самбӯсапазӣ хеле душвор аст. Аз субҳи содиқ то як поси шаб дар ташвишу тараддудем. Алалхусус, омода намудани масолеҳи самбӯса вақти зиёдро талаб мекунад. Лекин ман ба ҳамааш тоқат намудаму инак муддати ин солҳои тӯлонӣ танҳо аз рӯи ин касбам нони ҳалол пайдо менамоям.

Аз суҳбат бо ин инсони хоксору меҳнатӣ огоҳӣ пайдо намудем, ки баъди чанд соли шогирд буданаш ниҳоят устодаш Муродака (равонаш шод бод!) фотиҳа медиҳад, то ин ки мустақилона худаш корро оғоз намояд. Баъди ин анқариб 45 сол аст, ки Рустамака дар чиллаи тобистону фасли баҳор ва ё сармои зимистон ҳамеша дар сари танӯри тафсон ҳозиру нозир аст.

– Шудааст, ки боре аз ин меҳнати гарон дилмонда гаштаеду дунболи касби дигарро гирифта бошед? – мепурсем мо аз ин марди меҳнатӣ.

– Не, бовар кунед, ягон дафъа ақаллан орзу накардаам, ки касбамро дигар намоям. Гарчанде борҳо ҷойи корамро бо сабабҳои гуногун дигар карда бошам ҳам, касбамро иваз нанамудам. Зеро касби самбӯсапазиро писандидам. Аз ин рӯ, ба ҳамааш тоқат намудаву ба чунин рӯзҳои хуб низ расидаам. Фарзанду оилаамро бо ин нони ҳалол саробонӣ кардам, рӯзгори беҳтаринамро аз интихоби чунин касб медонам, – мегӯяд дилпуронаву бо сари баланд Рустамака.

Оре, интихоби касби ҳалолу меҳнати ҷонфидоёна дар ҳама давру замон ба кас эҳтироми зиёд ҳадя месозад. Имрӯзҳо Рустамака аз он қаноатманд аст, ки дунболи касби самбӯсапазиро гирифтааст у бо ин васила миёни мардум шинохта шудааст. Барояш фарқе надорад, ки дар сармои зимистон ва ё чиллаи тобистон ақаллан боре аз интихоби касби худ нолида, тарки он карда бошад.

Дарвоқеъ, вай ба шогирдони зиёде сирру асрори касбро омӯхтааст. Баъзе аз шогирдонаш содиқи касб монда бошанд, баъзеи дигарашон бо баҳонаҳои зиёд тарки ин касб намудаанд. Аммо яке аз шогирдони содиқи вай Мардонака мебошад, ки зери сояи устодаш Рустамака сабру тоқат намуда, имрӯзҳо дар паҳлӯяш меҳнат менамояд. Вай хеле хурсанд аст, ки раҳматӣ модараш ӯро пас аз адои хидмати ҳарбӣ ба назди ин инсони меҳнатӣ овардааст. Мардонака низ аз интихоби ин касби пурифтихор сарфароз асту худро шогирди ҳаққонии ӯ меҳисобад.

Дарҳақиқат, садоқат ба касб, адои меҳнати ҳалол ба ҳар ҷавонмард рӯсурхиву эҳтироми хосса ато месозад. Бошад, ки имрӯзҳо миёни ҷавонони мо чунин мардони меҳнатдӯст афзоянду сазовори эҳтироми мардум бигарданд. Охир беҳуда нагуфтаанд:

*Рӯзӣ насиби кас ба*
*нишастан намешавад,*
*Бояд чу осиё зи пайи обу*
*дона рафт.*

**Солеҳ МУҲАММАДҶОН,**
**ноҳияи Сариосиёи**
**вилояти Сурхондарё.**



*6-10 августи соли ҷорӣ дар шаҳри Тракайи Литва Чемпионати ҷаҳон оид ба қаиқронӣ миёни наврасони то 19-сола баргузор шуд. Дар ин мусобиқаи бонуфуз аъзоёни дастаи мунтахаби мо Айдана Сметуллаева ва хонандаи синфи 11-уми Маркази тайёрии олимпӣ ва паралимпии варзиши Қаршӣ Райҳон Сатторова соҳиби медали нуқра гардиданд.*

***Хидмати матбуоти ҳокимияти вилояти Қашқадарё.***

# МЕМОРАНДУМИ ҲАМКОРӢ ИМЗО ШУД

***Муҳимтарин вазифаи иттифоқҳои касаба пеш аз ҳама ҳифзу ҳимояи дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ, таҳкими сулҳу субот, манфиатҳои иҷтимоиву иқтисодии аъзоёни иттифоқи касаба мебошад. Ҳамчунин ин муассисаи касбӣ ҳамкориро бо муассисаҳои таълими олии давлатӣ ва ғайридавлатӣ хуб роҳандозӣ менамояд.***

Дар шаҳри Навоӣ бо иштироки раиси Шӯрои Федератсияи иттифоқҳои касабаи вилояти Навоӣ Назира Тағоева, сардиректори Донишгоҳи инноватсияҳо Элдӯст Раҳмонов, ректори донишгоҳ Ҷӯрабек Мавлоновҳо вохӯрӣ баргузор шуд. Дар вохӯрӣ масоили боз ҳам беҳтар ба роҳ мондани ҳамкориҳо бо муассисаҳои таълими олӣ муҳокима ва баррасӣ гардид.

Сардиректори Донишгоҳи инноватсионии Навоӣ Элдӯст Раҳмонов қайд намуд, ки имрӯз дар донишгоҳ 16 соҳаи таълим ва мутахассисони баландпояи 3 ихтисос тайёр карда мешаванд. Ҳамчунин донишгоҳ ҳамкориҳои байналмилалиро хуб ба роҳ мондааст. Бо муассисаҳои таълими олии ИМА, Олмон, Британиёи Кабир, Туркия, Латвия, Куриёи Ҷанубӣ ва Ҳиндустон ҳамкорӣ дорад.

Ҷӯрабек Мавлонов зикр дошт, ки дар донишгоҳ забонҳои англисӣ, олмонӣ, куриёӣ, чинӣ ва дигар забонҳо чуқур омӯзонида мешаванд. Ин имкон медиҳад, то ҷавонон дар бозори ҷаҳонии меҳнат мавқеи муайян пайдо намоянд. Дар донишгоҳ барои тайёр кардани кадрҳои баландихтисос ва рақобатбардор эътибори махсус дода мешавад. Баробари донишҳои назариявӣ дар машғулиятҳои амалӣ, лабораторӣ ва таҳлили лоиҳаҳо маҳорати касбии ҷавонон сайқал дода мешавад.

Назира Тағоева барои бо ин муассисаҳои таълими олӣ ҳамкориро ба роҳ мондан омодагии худро изҳор намуд ва меморандуми ҳамкорӣ имзо карда шуд.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

*Вилояти НАВОӢ.*

# ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ИСТИРОҲАТИ БАЧАҲО

Дар рӯзҳои гарми тобистон эҳтиёҷи одамон ба об меафзояд. Махсусан бачаҳо лаби дарёву каналҳо рафта, оббозӣ карданро дӯст медоранд. Гарчанд шинавариро донанд ҳам, на ҳама пеши маҷрои зериобии дарё худро идора карда метавонад. Дуюм ин ки рӯйи оби каналу дарёҳо ором бошанд ҳам, ҷараёни таги об тез ҷорӣ мешавад, ё ба гирдоби он, ҳатто шиноварони моҳир ҳам тоб оварда наметавонанд. Ин аст, ки баъзан ба об ғарқ шудани одамон, хусусан бачаҳои синни мактабӣ бештар мушоҳида мегардад. Дар доираи тадбири «90 рӯзи долузарб» ходимони шуъбаи таъмини бехатарӣ аз ҳолатҳои фавқулодаи Маркази маърифати ҷумҳурӣ ба муассисаҳои таълими томактабӣ ва мактабҳо, истироҳатгоҳҳо, лаби каналу дарё рафта, корҳои тарғиботӣ мебаранд, беназорат гузоштани фарзандон, дар ҷойҳои манъшуда оббозӣ накардани онҳоро таъкид менамоянд. Дар ҷойҳое, ки ҷараёни об тез мебошад, аломатҳои «Оббозӣ манъ аст»-ро мегузоранд.

**Муҳаббатхон КОМИЛОВА,**
**инспектори шуъбаи таъмини**
**бехатарӣ аз ҳолатҳои**
**фавқулодаи Маркази**
**маънавияти ҷумҳурӣ.**

*Дӯстии адабиётҳо – дӯстии халқҳо*

# АБАЙ – ШОИРИ ДӮСТДОШТАИ ХАЛҚИ ҚАЗОҚ

***Бахшида ба 180-солагии зодрӯзи маърифатпарвар, шоир ва мутафаккир, вассофи ғояҳои инсонпарварӣ ва сулҳу дӯстӣ Абай Қӯнонбоев чорабиниҳо баргузор гардиданд.***



Қарори Президенти Ӯзбекистон «Дар бораи омӯхтан ва васеъ тарғиб намудани мероси адабии шоир ва мутафаккири қазоқ Абай Қӯнонбоев» ба мустаҳкам гардидани муносибатҳои ҳамкории байни Ӯзбекистон ва Қазоқистон ва гузаронидани як қатор чорабиниҳои фарҳангиву маърифатӣ хидмат мекунад.

Дар шаҳри Тошканд чорабинӣ бо маросими гузоштани гулчамбар дар пояи муҷассамаи Абай Қӯнонбоев оғоз гардид. Дар чорабинӣ намояндагон аз сафоратхонаи Қазоқистон дар Ӯзбекистон, Кумитаи доир ба муносибатҳои байнимиллӣ ва масъалаҳои ҳамватанони бурунмарзӣ, инчунин роҳбарият ва ходимони Иттиҳоди нависандагон, меҳмонони қазоқистонӣ, раисони марказҳои миллӣ-фарҳангӣ, вакилони ҷамъиятҳои дӯстӣ ва ҷавонони фаъол иштирок намуданд. Баъд аз он дар Иттиҳоди нависандагон анҷумани байналхалқӣ таҳти мавзӯи «Абай – шоири дӯстдоштаи халқҳои ӯзбеку қазоқ» баргузор гардид. Дар анҷуман раиси Иттиҳоди нависандагон Сироҷиддин Саййид, раиси Кумитаи доир ба муносибатҳои байнимиллӣ ва масъалаҳои ҳамватанони бурунмарзӣ Қаҳрамон Сариев, мушовири сафири Қазоқистон дар Ӯзбекистон Серҷан Сарсенбоев, профессорон, пажӯҳишгарон ва намояндагони ташкилотҳои дигар иштирок намуда, доир ба ҳаёт ва фаъолият, осори баландғояи шоир ҳарф заданд. Таъкид гардид, ки шеърҳои Абайро, ки дар онҳо ғояҳои инсонпарварӣ, дӯстӣ, эҳтироми байни миллат ва элатҳо, гиромидошти арзишҳои миллӣ ифода ёфтаанд, хонанда бо як эҳсоси баланд мутолиа мекунад. Абай бо фикрҳои фалсафии худ на танҳо ба адабиёти қазоқ, балки ба олами шеърияти туркӣ ҳиссаи бузург гузоштааст. Шоир бо асарҳои машҳури худ, ки дар онҳо адолат, маънавияту маърифат, ватандӯстӣ, садоқат ба забону миллатро таранннум намудааст, дар сафи мутафаккирони шинохтаи адабиёти Шарқ ҷой гирифтааст.

Дар поёни анҷуман шоирон, санъаткорон ва хонандагони мактабҳо аз осори шоир намунаҳо қироат намуданд.

**Ҳ. АБДУНАЗАРОВ.**

*Юнуси ИМОМНАЗАР*

# ҶОМАИ МОДАРАМ

***(Ҳикояи воқеӣ)***

Бо даргузашти модарам доду фиғони пайвандон ба фалак печид. Ман бо дили реш, дар домани ғам печида, дунболи Хуршед мегаштам, аммо на аз нуре дарак буд, на аз гармие... Дар чор сӯ хурду калон ашк мерехт, осмону замин гиря мекард, дигар ҳеч касе маро намегуфт: «Писарам, биё ба оғӯшам».

То рӯзи панҷшанбе дар манзили падарӣ мондам, чор рӯзи мусибату мотам гузашт. Ғайри ихтиёр, оби дида чун ҷӯйи об рафт, дуою муноҷотҳо гӯши фалакро кар кард. Аз он пас, маросими панҷшанбе гузашту ҳама дубора ба чор сӯ – ба дару хонаҳои худ раҳсипор шуданд. Ба ман низ ҳамсари бераҳм гӯшзад кард: «Кафшатонро пӯшед, бо доду вой оча барнамегардад. Дар ҳар куҷо дуо хонед қабул аст». Ин суханаш аз ҳарфҳои ман буд, ки бо лабханд гуфт. Шайтон.

Ман кафшамро ба по карда, ҳарисона ба атроф чашм медӯхтам, дунболи нуре, танӯре мегаштам, аммо он чӣ дилам мехост, он чеҳраи офтобие, ки қалбамро рӯшан месохт, набуд. Дар миёни ин тӯфони дилноканданӣ чашмам ба мехи кӯфта дар девори даҳлез афтод ва ба ҷомаи фарсудаи нурогине, ки дар он овезон буд. Ҳамоно ба қафо гаштам, он қабои офтобиро, ки гӯӣ, бӯйи аҳуроӣ дошт, бо ишқу меҳру муҳаббати беохир рӯйи даст гирифтам, ба дидаҳоям молидам ва сипас хомӯшу сархам аз хона бадар рафтам...

Даҳ соли тамом ҷомаи беқасами модарам бо ман аст. Ҳамон ҷомае, ки модари худкафоям даҳ соли расо субҳу шом, фасли поизу зимистон ба бар мекашиду аз тан ҷудо намекард. Инак, ҳар шаб ман бо модарам мехобам – бо бӯйи муаттару бонишоташ, бо руҳи зиндааш. Ҷомаи ёдгориро дар зери болинам мемонам, хумор мешиканам, бо ёди модари меҳрабонам ба хоб меравам.

Се рӯз пеш шаб шуду ман «девона». Ҳар чӣ мегаштам, ҷомаи модарамро намеёфтам. «Кӣ гирифт!» – дод задам ба очааш. «Ҷомаи маро надидӣ?» – пурсидам аз духтарам. Ва ӯ тозон ҷомаи шоҳии кӯчапӯшиамро аз гиреҳ гирифта омад. «Э вой, ман ҷомаи модарамро мехоҳам!» На очааш, на духтарам аз ҷома дарак доштанд, ҳар ду гунаҳкорона худро ба кунҷи хона кашиданд. Чун очааш аз қазия огоҳ буд, бо хотири парешон тахмин кард: «Шояд келин дар ҷое мондa бошад, аз хонаи очааш ояд, мепурсем».

Он шаб хобам набурд. Магар мешавад бе модар хоб кард? Шаби дароз аз як паҳлу ба паҳлуи дигар мегаштам, дар бистари хоб нагунҷида сари по мехестаму дар ҳавлӣ қадам мезадам. Ману ҳавлӣ – яке бо хаёли гиҷ, дигаре бехаёл. Ману ситораҳои осмонӣ – яке дилхира, дигаре тобону дилшод. Аҷаб, чӣ рӯзе ба сарам омад...

Субҳ дамиду чашми рӯз кафид. Дубора шом фаро расид. То ин ҷо, дигар, тоқатам тоқ шуд. Ҳарчанд медидам очааш аз кофтукови ҷома ҷонаш ба сер омада буд, ба ӯ дод задам:

– То омаданаш мунтазир намемонем, ба келинат занг зану пурс, шояд вай гирифта бошад?!

Бо гӯшии ҳамроҳ ба дохил рафт.

Ману саҳни ҳавлӣ, наистода қадам мезанам. Шояд дар умрам ин қадар қадам назада будам, поҳоям ба дард даромад. Канор рафтаму дар гӯшаи тахти зери олочиқ нишастам. Яке дуртар суроби зан намоён шуд. По чида, бо эҳтиёт қадам мениҳод. Садо баланд кардам:

– Чӣ гап, суҳбат кардӣ?!

– Оре...

– Чӣ гуфт?

– ...

– Ман аз ту мепурсам, келинат гирифтааст?

– Ҳа...

– Худоро шукр, охир, зудтар ҳаминро намегӯйӣ? Дар куҷо мондааст?

– ...

– Чаро дар даҳонат об гирифтаӣ, гап зан!

Садояш гирифтаву ларзон баромад, канда-канда гуфт:

– Либоси куҳна гуфта... ба қуттии партовҳо...

– А-а?!

– Ҳа. Имрӯз мошини партовкаш ҳам омада буд...

Хун ба сарам зад, пеши чашмонам торик шуда рафт. Беҳол даст рӯйи нардаи кат гузоштаму сар болои даст.

Шаби дуюм бо молихулиёӣ гузашт. Ману ҳавлии беғам ва ситораҳои тобон. Гоҳе бо худ будаму гоҳе бехуд. Аҳёнан модарамро дар оинаи зеҳни худ медидам, бо сари хам узру пӯзиш мехостам: «Очаҷон, ин писари ношудатро бубахш. Танҳо ҳамон ҷомаат бароям ёдгорӣ буд, аммо сариштa накардам... Ин писари бепарвоятро бубахш...»

Рӯзи сеюм фаро расид. Рӯзи сеюми ҷудоӣ аз модар! Бо сари гиҷу чашмони сурхшуда бар сари суфра нишастам. Куҷо, ҳеч чиз аз гулуям нагузашт, субҳона бароям нораво!

Бо дили мағшушу хаёли парешон либоси тоза пӯшидам. Азбаски ламъаи умеде ба қалбам роҳ ёфта буд, худро каме осуда ҳис кардам. Бо ҳамин умедворӣ роҳи идораи ҷамъоварӣ ва дафъи партову пасмондаҳои шаҳриро дар пеш гирифтам. Дар роҳ мерафтаму ҷомаи ёдгории беқасам бо сад ҷило дар пеши назарам ҷилвагар мешуд. Аз рах-рахиҳои сапеду қирмизиаш гирифта то риштаҳои кашоли доману остинҳояш ва узораҳои фарсудаи пахмоқишудааш ба чашмам метофт. Бо вуҷуди ин дурӣ ҳам, ҷомаро дар бағал зер мекардам, ба суратам часпонида бӯ мекашидам, дар рӯ ба рӯйи худ модарамро бо нигоҳҳои гарму лабханди доимиаш медидам. Алайҳи ин орзуҳои ширин хаёле шайтонӣ маро ба зиқӣ мекашид. «Аллакай ба ҷар, ба тӯдаи пасмондаҳо партофтагистанд, намеёбам, – мегуфтам дар дил, –ҷома аз даст рафт».

Дар назди утоқи нигаҳбонӣ пирамарди ришсапеде ба пешвозам баромад. Гурги борондида аз чашмҳоям хонд, ки нигароние дорам. Бо лаҳни мулоим пурсид:

– Чизеро гум кардӣ, писар?

– Бале, азизтарин чизамро аз даст додам. Сахт дилгиру парешонам, бобо.

– Худатро ба даст гир, ҳама чиз ҷойгузини худро дорад. Худо бандаҳои худро ноумед намекунад. Чӣ мусибат ба сарат омад?

– Мусибат не, аммо ҷомаи модарам ба партовгоҳ рафт. Он бароям бениҳоят азизу муқаддас буд.

– Бачаҳои мо он қадр бетафовут нестанд, ки ту фикр мекунӣ. Агар рӯзаш маълум бошад, мошинҳои навбатдори ҳамон рӯзро пурсуҷӯ мекунем. Аҷаб нест, ки гирифта дар канор монда бошанд.

– Ман ҳам бо ҳамин умед омадам, бобо.

Пирамард ба пеш даромад. Ҳарду ба мошинпойгоҳи пушти идора гузаштем. Эҳ-ҳе, замин таркида мошин баромадааст гӯё, чашмонам сиёҳӣ зад. Ҳамроҳи мӯсафед ба назди хонаи хурдаке, ки бо рангубори сапед ва сақфи қаҳваирангаш хеле тозаву ороста ба назар мерасид, рафтем. Ҷавони нозим дарҳол мошинҳои ду рӯз пешро маълум сохт ва аз остонаи хонаи кориаш охирин ради мошинҳоро нишон дода гуфт:

– Ба он сӯ гузаред, он рӯз аз кӯчаи шумо Анвар гузаштааст.

Аз ман бештар пирамард саргарми кофтуков шуда буд, ӯ мехост кори савобро то охир расонад. Ҳамин ки ба қатори поёнӣ расидем, ӯ ронандаи мошинро канортар дар сояи дарахти тут дида, ба ҳамон сӯ рафт. Ман бошам, кунҷковона аз пеши мошини партовкаш давр зада, ба самти рости он, ки дараш боз буд, гузаштам. Ба дохили кобин чашм дӯхтанамро медонаму ҳоли аз худ рафтаамро! Бо чӣ забоне гӯям, ҷомаи модарам таҳ хӯрда дар миёни ду сандалӣ мехобид! Бо хушҳолӣ фарёд задам:

– Бобо, ҷомаи модарам инҷост!

Пирамарду ронанда бо шитоб ба сӯйи ман омаданд. Хурсандии маро, ки мисли бачаҳо даст афшонда шодмонӣ мекардам, дида, онҳо низ ба завқ омаданд ва пушти ҳам маро ба оғӯш кашида табрик гуфтанд.

Шоду мамнун, ду-се сӯмӣ ба ҳар ду ширинкома додам ва бо бӯю ҳавои модарам ба хона баргаштам.

# РАДИОШУНАВОНӢ ШУҒЛИ ХУБ БУД

***Агар меъдаи инсон аз хӯрок ғизо гирад, рӯҳияташ пеш аз ҳама аз китобу рӯзнома, радиову телевизор ғизо мебардорад. Аз тарафи инженери рус А. Попов ихтироъ шудани радио дар соҳаи хизматрасонии ахбор табаддулотеро ба вуҷуд овард.***

Ҳангоми мутолиа вақт ва нури чашмамон сарф шавад, баробари тофтани гӯшаки радио ҳам аз навигариҳои олам бохабар мешавему ва ҳам кори дастамонро ба анҷом мерасонем. Он солҳо як маротиба аз мағоза радио мехаридему тамоми аҳли оила дар давоми даҳсолаҳо аз он баҳрабардорӣ мекардем. Радиоҳо аз солҳои 60-уми қарни гузашта инҷониб аз соати шаши пагоҳӣ то нимаи шаб беминнат дар хизмати мардум буданд.

Аз сабаби набудани имконият ва ё хоҳиш он солҳо баъзе оилаҳо радио надоштанд, аммо дар маркази деҳаҳо карнайҳои калони алюминӣ буданду барои аҳли деҳ ахбори доғро мерасониданд.

Аввалҳо тавассути радиои абонентӣ дар вақтҳои муайян аз Маскав ба забони русӣ, аз Тошканд ба забони ӯзбакӣ, тоҷикӣ, тоторӣ ва ғайра ахбор, консерт ва мазҳакаҳои радиоӣ шунавонида мешуд. Ахборҳои давлатиро аз Маскав Юрий Левитан, аз Тошканд Қодир Махсумов, Туйғуной Юнусхоҷаева барин наттоқони бомаҳорат ба самъи мардум мерасониданд. Тақрибан солҳои 1960 дар маркази вилоят ва ноҳияҳо низ радиошунавонии маҳаллӣ ба роҳ гузошта шуд, ки ҳафтае се саротиба 20 дақиқагӣ барнома дошт. Рӯзҳои душанбе, чоршанбе ва ҷумъа ин гуфторҳо ба эфир дода мешуду дар шиносномаи рӯзнома дар қатори номи муҳаррири масъул ному насаби наттоқ низ сабт мешуд.

Аз ин лиҳоз дар Шофиркон низ радиошунавонии маҳаллӣ ба роҳ гузошта мешавад. Дар ин вазифа аз сар то охир — аз соли 1966 то 2000-ум устоди шодравон, шоир Абдулло Раҳмонов фаъолият нишон медиҳад. Соли 1969 қарори махсуси Иттифоқи касабаи Иттиҳоди Шуравӣ оиди радиошунавонии маҳаллӣ ба имзо мерасад. Мувофиқи он радиои ноҳияҳое, ки бо дашту саҳро ҳамҳудуданд, ба таҳририяти алоҳида табдил дода мешавад. Аз ин қарор истифода бурда, устод А. Раҳмонов низ радиои ноҳияро ба таҳририяти алоҳида табдил медиҳад. Азбаски қисми асосии аҳолии Шофирконро тоҷикон ташкил медиҳад, соли 1989 дар таркиби гуфторҳои маҳаллӣ гуфторҳои тоҷикӣ низ ба роҳ гузошта шуд. Аз соли 1989 то соли 1991 муҳаррир ва сухангӯйи гуфторҳои тоҷикӣ Ато Фаттоев буданд. Аз соли 1991 то моҳи майи соли 2000 банда ҳамчун барандаи гуфторҳои тоҷикӣ дар ин радио фаъолият бурдам.

Баъди сабти гуфторҳо дар магнитофон хотирҷамъ дар чойхонаи болои канали Султонобод шоҳмотбозӣ мекардем. Устод Абдулло Раҳмоновро қариб, ки ҳама мешинохт. Баракабобои чойхоначӣ, ки ҳамаро бо чеҳраи кушод пешвоз мегирифт, дар лақабгузорӣ усто буду А. Раҳмоновро «Абдулло карнай» мегуфт ва эшонро бештар бо ин ном зикр мекарданд. Вақте ки дар шоҳмотбозӣ ғолибиятро ба даст овардам, Баракабобо аз дигарон оиди банда пурсон шуд. Онҳо гуфтаанд, ки «барандаи гуфторҳои тоҷикист».

— Ие «Ин ҷо Шофиркон» ҳамин йигит будааст-да, — гуфтанд Баракабобо. Бо ҳамин номи дигари банда ба «Ин ҷо Шофиркон» табдил ёфту то ҳол ба ман бо ин «ном» муроҷиат мекунанд.

Гуфторҳои тоҷикӣ ҳафтае се маротиба сурат дошт. Ман барои рангоранг баромадани он кӯшиш мекардам. Ҳосилаи он аст, ки ҳоло дар даст ҳафт намуди «домодсалом»-ро дорам.

Дар радио оиди таърихи деҳаҳо, талу теппаҳо гуфторҳо ташкил менамудам. Яке аз чунин деҳаҳо Юқсун ном дошт. Шоира, журналисти номии телевидениями Ӯзбекистон Муҳаббат Ҳамроева зодаи ин деҳа аст. Ин ҷо ягона деҳаест, ки то ҳол мардумаш дар болои қалъаи хокини асримиёнагӣ истиқомат мекунанд.

Дар солҳои 1995-2003 бо саъйи Давлат Икромов дар Шофиркон телевидениями хусусӣ намоишҳои худро ба роҳ гузошт. Дар он шоирони варзида Амони Абдулло, Илҳом Раҷабов муҳаррирӣ мекарданд. Дар аввал намоишҳо ба дараҷаи аъло буд. Ҳатто чандин моҳ дар он намоишҳо ба забони тоҷикӣ низ ба роҳ гузошта шуда, онро муаллимаи фанни забон ва адабиёти тоҷики мактаби рақами 7-уми ноҳия Баҳригул Ҳотамова барандагӣ мекард. Афсус, ки баъди аз кор рафтани ҳоким Г. Дилов, бо сабаби муаммоҳои иқтисодӣ ин шабакаи маънавияти ноҳия лангиду оқибат аз байн рафт.

Мактаби миёнаи рақами 9-ум, ки аз миёнаҳои солҳои шастум сар карда дар ин ҷо таълими миёнаро гирифтаам, радиошунавонии худро дошт. Онро муаллими фанни забон ва адабиёти тоҷик Савриддин Фахриев сарварӣ намуда, хонандагони фаъолу пешқадами мактабамон хеле рангоранг мебурданд. Бахусус баромадҳои мухбири фаъол Юрий Кравченко ҷолиб буд. Модари ӯ зодаи Украина буда, бо Холиқ ном ҳамдеҳаамон издивоҷ карда буд. Падараш баъди итмоми ҷанг то соли 1954 дар Украина баҳри барҳам додани асоратҳои ҷанг кор кардааст. Онҳо ҳафт ҳоҳару бародар буданд. Мақолаҳояш дар журнали «Машъал», «Пионери Тоҷикистон» чоп мешуд. Афсус баъди хатми ҳамон синф, соли 1970 радиошунавонии мактаб низ ба охир расид.

Ба ҷойи хулоса гуфтаниам, он солҳо радио барои мардум ҷиҳати тарбиявӣ дошт, ки имрӯзҳо ҷойи худро ба Интернет додааст.

**Алимурод ТЕМИРОВ.**
*Вилояти БУХОРО.*

*Дар нигористон*

# СИМОИ БЕҲБУДӢ ДАР СУРАТҲО

*Дар толори намоишгоҳи Академияи бадеии Ӯзбекистон бахшида ба 150 солагии зодрӯзи Маҳмудхӯҷа Беҳбудӣ бино ба қарори Президент (аз 27 декабри соли 2024) намоишгоҳ-озмун ташкил карда шуд.*

*Бино ба низоми озмун дар намоишгоҳ аз фонди Осорхонаи давлатии хотираи қурбониёни табъид 7 асар ва беш аз 40 асари рассомони шинохта ҷой доранд. Дар онҳо ҳаёт ва эҷодиёти Беҳбудӣ, инчунин асарҳое, ки ба ҳаракати ҷадидони Осиёи Марказӣ бахшида шудаанд, намоиш дода мешаванд.*

*Тибқи натиҷаҳои озмун асари бадеии санъати тасвирии дорои арзиши баланд, ки аз ҷониби Шӯрои бадеии коршиносони назди Оҷонсии мероси фарҳангии Ӯзбекистон тасдиқ шудааст, ба фонди Осорхонаи давлатии қурбониёни табъид харидорӣ карда мешавад.*

***Ҳ. АБДУНАЗАРОВ.***



# СУХАНОНИ ҲИКМАТОМЕЗИ БУЗУРГОН

Ҳеч чизро беталафот наметавон ба даст даровард. Ҳатто биҳишт маргро тақозо дорад.

**Мақоли ҷопонӣ.**

Забони бад даҳшатангезтар аз силоҳ аст.

**А. ГРИБОЕДОВ.**

Мардон се навъанд:
дӯстдорони хирад; дӯстдорони иззату икром; дӯстдорони мукофот.

**АФЛОТУН.**

Барои шурӯъ кардан бузург будан шарт нест, вале барои бузург шудан бояд шурӯъ кард.

**Зиг ЗИГЛЕР.**

Се табақаи одамон вуҷуд доранд: серон, гуруснагон ва носерон.

**Лион Фейхтвангер.**

Агар фикру тадбиреро, ки сарфи интиқому душманӣ мекунем, сарфи гузашту дӯстӣ кунем, душманон ҳама дӯст хоҳанд шуд.

***

Сукут обест, ки бар оташи хашм рехта мешавад.

***

Мард шер асту зан шербон. Нигаҳдории шер аз шер будан душвортар аст.

**Муҳаммади ҲИҶОЗӢ.**

Умр кӯтоҳ аст, аммо барои анҷоми коре арзанда кифоя мекунад.

**Вирогес ПЕТРОСЯН.**

Пархои тасодуфан ба пушт часпида ҳанӯз ҳеч касро ба уқоб табдил надодаанд.

**Мақоли гурҷӣ.**

Шикаст хӯрдан дар аслият, беҳтар аз комёбӣ дар тақлид бошад.

**Герман МЕЛВИЛЛ.**

Одамон ҳар қадар камтар донанд, доираи донишашон ба он андоза фарох менамояд.

**Жан-Жак РУССО.**

Ман барои омӯхтан ҳамеша бо коре машғул мешавам, ки аз дастам намеояд.

**Пабло ПИКАССО.**

**Тарҷума ва таҳияи А. СУБҲОН.**

***Хуч, настарин, насрин. Ин гиёҳ-растании муолиҷавӣ манбаи витамини «с» буда, дар табобати халқӣ ва саноати истеҳсолоти дору васеъ ба кор бурда мешавад. Вай бобати мустаҳкамгардонии иммунитет, муолиҷаи шамолхӯрӣ, камхунӣ, фишори баланди хун, тозакунии раг, банду буғум ва ғайра аҳамият дорад. Аз ин гиёҳ намудҳои гуногуни чой ва нӯшокиҳо тайёр карда мешавад.***

# РАСТАНИИ ТАБОБАТӢ БА СОДИРОТ

Хоҷагии фермерии «Шуҳрат»-и ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Сӯфикоргар»-и ноҳияи Бухоро бо истеҳсоли ин гиёҳи табобатӣ машғул аст. Дар 41 гектар майдон хуч рӯёнда шуда, ба харидорони маҳаллӣ ва хориҷӣ, аз ҷумла, ба Русия фиристода мешавад. Деҳқонони хоҷагӣ аз ҳар гектар майдон ба ҳисоби миёна 8-10 тоннагӣ ҳосил мегиранд. Меҳнатдӯстони хоҷагӣ соли гузашта ба маблағи 100 ҳазор доллари ИМА маҳсулотро ба Русия содир карданд. Онҳо ният доранд имсол ин натиҷаро ду баробар афзоиш диҳанд. Дар хоҷагии фермерӣ барои зиёд намудани ҳосилнокии плантатсияҳо чораҷӯӣ карда мешавад.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти БУХОРО.*

# ...ДУ РУХИ ДИЛҶӮЙ ДУ ХАЛҚ

*Ду симо – ду рухи дилҷӯй*
*ду халқ,*
*Худоҷӯву таологӯй ду халқ.*
*Ба рӯйе, ки дар он нури*
*илоҳ аст,*
*Яке чашму яке абрӯй ду халқ.*

**Муҳаммадҷон ШОДӢ**

Боиси ифтихор аст, ки Ӯзбекистон ба халқу миллатҳое, ки аз замонҳои қадим то ба имрӯз дар ин сарзамин умр ба сар мебаранд, дар доираи Конститутсия шароити мусоид фароҳам овардааст. Махсусан, халқҳои тоҷик ва ӯзбек аз ин имконот истифода карда, дар фазои дӯстона умр ба сар мебаранд ва дар пешрафти кишвар ва таҳкими дӯстии халқҳо намунаи дигарон мебошанд. Ҳамин ҳамдиливу ҳампайвандӣ ба адибони ҳар ду халқ неруву илҳом бахшида, онҳоро водор месозад, ки дар ашъорашон дӯстиро васф намоянд ва дар ин замина ғояи бародариву ҳамсоягиро таҳким бахшанд.

Муҳаммадҷон Шодӣ аз зумраи ҳамин гуна адибони хушназари тоҷик аст, ки кайҳо номаш дар миёни хонандаи тоҷику ӯзбек маълум ва навиштаҳояш мақбули ҳамагон гардидаанд. Вай аъзои иттифоқҳои нависандагони Ӯзбекистон ва Тоҷикистон буда, дафтарҳои назмиву насриаш бо тоҷикиву ӯзбекӣ дар ҳарду ҷумҳурӣ ба нашр расидаанд, каломи гуҳарбори тоҷику ӯзбекро ғанӣ гардондаанд. Соли 2023 бошад, маҷмӯаи ашъораш бо номи «Ояти сабз» таҳти ҳомигии Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон чоп гардид, ки беҳтарин сурудаҳои ӯ дар солҳои охирро фаро гирифта, муҳтавои қисми зиёди шеърҳояшро дӯстиву бародарӣ, ҳамдиливу пайвандӣ, қадрдониву қадршиносии фарзандони ду халқи ҳамсоя ташкил менамояд.

Ҳамин муҳити созанда ба Муҳаммадҷон илҳом бахшидааст, ки маҷмӯаи нави худро бо номи «Ӯзбегу тожик – қошу кӯз» («Ӯзбеку тоҷик – абрӯву чашм») (Тошканд, «Elnur print», 2025) омода намояд ва пешкаши дӯстдорони шеъру сухан гардонад. Маҷмӯа аз се фасл иборат буда, аз ҳамкории фарҳангиву адабии ду халқи бародар нақл менамояд.



Дар фасли аввали китоб мақолаҳо ба забони ӯзбекӣ, ки дар саҳифаҳои матбуоти Ӯзбекистон ба нашр расидаанд, ҷамъоварӣ шудаанд.

Дар ин мақола ва очеркҳои адабӣ нависанда ва рӯзноманигор бештар масъалаҳои таъсирпазирии адабиёт, ҳамкории адибони тоҷику ӯзбек, нақши анъана дар шаклгирии осори адабӣ ва робитаҳои адабии халқҳои тоҷику ӯзбекро мавриди таҳлил ва тасвир қарор додааст. Адиб кӯшиш кардааст, ки доманаи ҳамкориҳои адабиро, ки таърихи ниҳоят қадимиву ибратомӯз дорад, нозукбинона пеши назар оварад ва моҳияти онро ҷиҳати таҳким гардидани дӯстии ду халқи ҳамсоя таъкид созад.

Дар мақолаи «Ӯзбегу тожик – қошу кӯз» муаллиф аз таърихи дӯстии тоҷику ӯзбек ёдовар шуда, саҳми Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Мир Алишери Навоиро дар таҳкими дӯстӣ ва тарбияи маънавии адибону олимони муҳити Ҳирот махсус таъкид карда, бо таъсири анъанаи неки бародарӣ то замони мо расидани ин дӯстиро шарҳ медиҳад ва ба хидмати шоистаи Устод Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Абдулло Қаҳҳор, Ғафур Ғулом ва дигарон, ки дар ташаккулу пешрафти ҳамкориҳои адабӣ нақши шоиста гузоштаанд, бо муҳаббат ва самимият ҳарф мезанад. Чунин раванди ҳамкориҳоро ба инобат гирифта, муаллиф халқҳои тоҷику ӯзбекро ба «чашму абрӯ» ташбеҳ медиҳад ва онҳоро ҳампайванд медонад.

Дар дигар мақолаҳои ӯзбекии муаллиф низ дӯстиву бародарии халқҳои тоҷик ва ӯзбек васф шуда, мояи сарбаландии мардуми ду кишвар будани ин арзиши баланди инсонӣ таъкид мешавад. Вай бештар ба таърихи муносибатҳои халқҳои тоҷику ӯзбек ишора карда, робитаи илмиву адабиро беҳтарин омили дӯстӣ миёни ду халқ медонад.

Дар ин маҷмӯа чаҳор шеъри ватандӯстонаи ӯ «Бародарзодаи асл», «Раҳи испед бар ту, эй сиёсат», «Ватандорем мову ту» ва «Қасидаи Ватан» ҷой гирифтаанд, ки аз нигоҳи мазмуну муҳтаво ҷолиб буда, ҷанбаи баланди ватандӯстона доранд.

Шеъри «Бародарзодаи асл» ба ташрифи навбатии Президенти Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ӯзбекистон бахшида шуда, дӯстиву бародарии ду халқ – тоҷику ӯзбек ва муносибати некбинонаи онҳоро ифода менамояд. Шоир ба моҳияти мавзӯъ бештар аҳамият дода, тоҷику ӯзбекро ба «ду бол»-и мурғи асотириву афсонавии Ҳумо ташбеҳ медиҳад ва то ба «авҷи само» расидани ҳамдиливу ҳамбастагии онҳоро ситоиш мекунад. Шоир ба Сарвари тоҷикон сано хонда, мисли ҳамтои худ муҳтарам Шавкат Мирзиёев таҳкимбахши дӯстӣ будани ӯро таъкид мекунад ва маҷозан «аз боғи дӯстӣ» гули меҳру муҳаббат ва рафоқату бародарӣ чидани Меҳмони Олиқадрро шоирона тасвир менамояд. «Тоҷи сар кардан»-и меҳмон суннати ҳар ду халқ мебошад. Шоир ҳамин таъбири мардумиро ба маврид истифода карда, хурсанду масрур будани мардуми ӯзбекро аз ташрифи Сарвари ҳамсоя фоли нек маънидод менамояд:

*Марҳабо, хуш омадед, эй нури*
*дида, марҳабо,*
*Гул зи боғи меҳри ҳар ду халқ*
*чида, марҳабо!*
*Омадеду Ӯзбекистон даст дар*
*пеши бар аст,*
*Пешвои Тоҷикистон тоҷ болои*
*сар аст.*
*Ӯзбеку тоҷик ду шохоби як*
*дарё бувад,*
*Бо ҳама дарёдилӣ бар дидаи*
*ҳам ҷо бувад.*
*Гар яке боли Ҳумо,*
*дигар пари мурғи Ҳумо,*
*Бахти мо дар ҳамдилӣ,*
*парвозгаҳ авҷи само...*
*Чашм агар ӯзбек, абрӯ тоҷик*
*асту рӯй бин:*
*Ҳаст дар дунё бародарзодаи*
*асл инчунин?*

«Ватандорем мову ту», чи хеле ки аз номаш маълум мешавад, ҷанбаи баланди меҳанпарастона дорад. Шоир соҳиби давлатҳои мустақил гардидани халқҳои тоҷику ӯзбекро васф карда, аз таърихи гузашта ёд мекунад ва онҳоро зодагони Мовароуннаҳри бузург медонад. Ғояи ҳамдилӣ ва ҳамсоягӣ пояи мазмуни шеъри мазкурро ташкил медиҳад.

Дар «Қасидаи Ватан» ба қасди равшан кардани хотираи таърихӣ афтода, муносибатҳои дӯстонаи ду халқро аз гузаштаи дур то қарни бист ёдовар мешавад. Вай аз тоҷикияти худ ифтихор карда, тавассути хотираи фарҳангиаш аз чеҳраҳои асотириву афсонавӣ, симоҳои таърихӣ ва шахсиятҳои адабиву фарҳангии гузашта ёд мекунад ва аз насли Шераку Спитамен, Оли Сомон, Рӯдакӣ, Ҷомӣ, Айнӣ, Турсунзода ва дигарон будани худро ба такрор ишора мекунад. Барои шоир гузаштаи пурифтихори халқи тоҷик мояи ғуруру фараҳмандист. Руҷӯи ғиноӣ ба шоир имкон медиҳад, ки фосилаи замониву макониро дар шеър васеъ намояд ва корнамоиву диловарии фарзандони бонангу номуси тоҷикро хотировар шавад.

Дар фасли сеюми китоби мазкур мақола ва очеркҳои адабии Муҳаммадҷон Шодӣ, ки дар рӯзномаи «Овози тоҷик» интишор гардидаанд, ҷамъ омадаанд. Ин мақолаҳо бештар ба мавзӯи дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек бахшида шуда, робитаи адабии шоирону адибони гузаштаву муосирро фарогир мебошанд. Ҳамзамон муаллиф кӯшидааст, ки ба мақому мартабаи баъзе аз чеҳраҳои адабиву илмӣ ва фарҳангӣ аз назари шахсии худ баҳо диҳад ва ҷойгоҳи онҳоро дар рушди илм, адабиёт, фарҳанг, санъат ва мусиқӣ дуруст муайян намояд. Масалан, вай дар мақолаи «Хидматҳои бузурги Айнӣ дар равнақи ду адабиёт» ба шахсияти адабии Устод Айнӣ баҳои баланд дода, хидмати ӯро дар пешрафти адабиёти тоҷик ва ӯзбеки садаи бистум бесобиқа медонад.

Баъзе мақолаҳои Муҳаммадҷон Шодӣ ба санъат, кино ва мусиқии ду халқ бахшида шудаанд. Дар мақолаҳои «Равобити эҷодии адибону киносозон ва самараи ин ҳамкориҳо», «Актрисаи тоҷик дар «Ӯзбекфилм», «Сутуни санъати кинои ду халқ», «Онҳо театр месохтанд», «Муноҷот»-и тоҷикӣ ва ӯзбекӣ», «Сарнавиштҳои ба адабиёт ва санъат пайваст», «Сайрамимиз – байрамимиз» мегӯянд дар Ӯзбекистон», «Забони падариам тоҷикист» мусанниф ба фаъолияту ҳамкориҳои пурсамари ҳунармандону коргардонҳо ва ҳофизону санъаткорон диққати аввалиндараҷа дода, саҳми онҳоро дар рушди фарҳангу санъат ва таҳкими дӯстии халқҳои тоҷику ӯзбек бесобиқа медонад.

Чанд мақолаи адиб ба нависандагону шоирони ӯзбек ва таъсирпазирии назму насри тоҷик ба адабиёти ӯзбек бахшида шудаанд. Вай дар мақолаи «Мирзо Бобур порсигӯ низ буд» дар баробари ба забони туркӣ эҷод кардан, донандаи хуби забони форсӣ-тоҷикӣ будани Бобурро таъкид карда, аз намунаҳои ашъори тоҷикиаш мисолҳо оварда, равобити дӯстонаи ду халқро дар муносибати Бобур ба адабиёти тоҷик дуруст тавзеҳ медиҳад.

Қисми дигари мақолаҳои адиб ба робитаи адибони тоҷик ва ӯзбек бахшида шудаанд.

Дар мақолаи «Рӯзи забони тоҷикӣ дар Тошканд» аз ташаббуси созандаи Президенти Ӯзбекистон Ш. Мирзиёев ҷиҳати арҷгузорӣ ба забону анъанаи халқҳои муқими Ӯзбекистон ёд карда, дар Тошканд – пойтахти мамлакати ҳамсоя доир шудани «Рӯзи забони тоҷикӣ»-ро ба ҳамаи тоҷикони Ӯзбекистони бародар табрик мегӯяд ва онро яке аз омилҳои таҳкими дӯстӣ миёни ду халқ медонад.

Бояд гуфт, ки мақолаҳои Муҳаммадҷон Шодӣ бисёр масъалаҳои муҳимми фарҳангиву адабиро дар бар гирифта, ҷиҳати муаррифии шоистаи адибону олимони ду кишвар ва ҳамкориҳои адабиву эҷодии онҳо нақши назаррас мебозанд. Ҳамзамон, дар аксари мақолаву очеркҳояш адиб ҷонибдори дӯстиву рафоқат будани худро ошкоро баён карда, тарафдори таҳкими дӯстӣ миёни ду халқ мебошад. Вай решаи дӯстиро таҳким бахшида, хоҳони устувориву пойдории муносибатҳои дӯстона ва бародарона миёни халқҳои тоҷик ва ӯзбек мебошад. Бовар дорем, ки хонандагон тавассути ин маҷмуа ба меҳрномаи Муҳаммадҷон Шодӣ шинос шуда, барояш бурдборӣ таманно хоҳанд кард.

**Абдуҷаббор РАҲМОНЗОДА,**
**Сафири Фавқулода ва**
**Мухтори Тоҷикистон**
**дар Ӯзбекистон, узви**
**Раёсати Иттифоқи**
**нависандагони Тоҷикистон,**
**академики Академияи**
**миллии илмҳои Тоҷикистон.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-828.
Адади нашр 3701. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
С. Бекназарова.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 21.40

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.